*Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-014 назди Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон (ш. Душанбе, кӯчаи Нахимов 64/14)*

# ТАҚРИЗИ

**муқарризи расмӣ, номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент Икромӣ Нуриддин Қиём ба диссертатсияи Буриев Шоҳин Муддинович дар мавзуи «Мукаммалгардонии хизматрасониҳои бонкии ташкилотҳои маблағгузории хурд дар шароити муосир» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD)-доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050900 – Молия (6D050901-Молия, муомилоти пулӣ ва қарз).**

**1. Мутобиқати диссертатсия ба ихтисосҳо ва самтҳои илм, ки аз рӯйи онҳо диссертатсия ба ҳимоя пешниҳод шудааст.** Баррасии ҷиддӣ ва амиқи муҳтавою муқаррароти диссертатсияи пешниҳодшудаи Буриев Ш.М. дар мавзуи «Мукаммалгардонии хизматрасониҳои бонкии ташкилотҳои маблағгузории хурд дар шароити муосир» моро ба хулосае водор кард, ки дар ҳақиқат ихтисоси диссертатсия ба сархатҳои 9.3. Рушди инфрасохтори муносибатҳои қарзӣ, афзорҳо, шаклҳо ва методҳои муосири пешниҳоди қарз; 10.1. Ташаккули низоми бонкӣ ва инфрасохтори он дар шароити иқтисоди бозорӣ; 10.10. Инноватсияҳои молиявӣ дар бахши бонкӣ; 10.18. Проблемаҳои мувофиқсозии ташаккул ва инкишофи низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон; 10.22. Маҳсулоти нави бонкӣ: намудҳо, технологияи ташкил, тарзҳои татбиқ; 10.23. Проблемаҳои инкишофи ташкилотҳои қарзии ғайрибонкӣ мутобиқат мекунад.

**2. Мубрам будани мавзуи диссертатсия.** Мавзуи диссертатсияи тақризшаванда - «Мукаммалгардонии хизматрасониҳои бонкии ташкилотҳои маблағгузории хурд дар шароити муосир», ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD)-доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050900 – Молия (6D050901-Молия, муомилоти пулӣ ва қарз) пешниҳод шудааст, мубрам буда, дар он масоили такмили хизматрасониҳои бонкии ташкилотҳои маблағгузории хурд возеҳ дарҷ гардидааст.

Таҳқиқоти гузаронидашудаи муаллифи рисола дар шароити муосир яке аз самтҳои муҳими рушди иҷтимоию иқтисодӣ ба ҳисоб меравад. Раванди босуръати ҷаҳонишавӣ ва тағйирёбии шароити бозор зарурати такмил додани хизматрасониҳои молиявиро бештар мегардонад. Ташкилотҳои маблағгузории хурд дар Тоҷикистон ва кишварҳои дигари рӯ ба рушд нақши калидӣ дар дастрасии аҳолӣ ба хизматрасониҳои молиявиро иҷро мекунанд.

Дар муҳити муосир мизоҷон бештар аз ҳарвақта ба хизматрасониҳои тез, шаффоф ва инноватсионӣ ниёз доранд. Ин ҳолат ташкилотҳоро водор месозад, ки раванди кори худро мутобиқ ба талаботи замон навсозӣ намоянд. Имрӯз соҳибкорони хурду миёна барои рушди фаъолияташон ба дастгирии молиявӣ ниёз доранд, зеро онҳо асоси истеҳсолот ва шуғлро ташкил медиҳанд.

Аз ин рӯ, такмили механизмҳои қарздиҳӣ аҳамияти стратегӣ пайдо мекунад. Тезонидани баррасии дархостҳои қарзӣ метавонад барои рушди соҳибкорӣ таъсири мусбат расонад. Истифодаи технологияҳои рақамӣ дар ин раванд имкониятҳои нав фароҳам меорад ва платформаҳои онлайн муоширати мизоҷонро бо ташкилотҳо осон месозанд.

Ҳамзамон, сатҳи баландтари амнияти иттилоотӣ барои ҷалби эътимоди мизоҷон муҳим мебошад. Дар шароити афзоиши таҳдидҳои киберӣ ин масъала махсусан аҳамияти калон касб мекунад. Ташкилотҳои маблағгузории хурд бояд на танҳо хидматҳои қарзӣ, балки маҳсулоти иловагӣ, аз ҷумла пардохтҳои электронӣ, машварати молиявӣ ва хизматрасониҳои суғуртавиро низ такмил диҳанд.

Баланд бардоштани маърифати молиявии аҳолӣ барои беҳтар гардидани сифати хизматрасониҳо зарур аст, зеро ин иқдом ба истифодаи самараноки маҳсулоти молиявӣ мусоидат мекунад. Ҳамкории зич бо бонкҳо ва созмонҳои байналмилалӣ ба ворид намудани таҷрибаҳои муосир ва технологияи аввалиндараҷа кумак мерасонад. Дар деҳоти дурдаст то ҳол камбуди хизматрасониҳои молиявӣ эҳсос мешавад, ки ин яке аз мушкилоти асосӣ боқӣ мемонад.

Ташкилотҳои маблағгузории хурд метавонанд ин холигиро бо пешниҳоди хизматрасониҳои сайёр ва нуқтаҳои иловагӣ пур кунанд. Ин иқдом барои боло рафтани фарогирии молиявии аҳолӣ аҳамияти калон дорад. Мукаммалгардонии фаъолияти кормандон низ яке аз омилҳои асосии баланд бардоштани сифати хизматрасонӣ мебошад ва омӯзиши мунтазами онҳо ба беҳтар шудани муносибати хизматрасонӣ мусоидат мекунад.

Таҳияи маҳсулоти нави молиявӣ мутобиқ ба ниёзҳои бозор метавонад рақобатпазириро афзоиш диҳад. Рақобати рӯзмарра маҷбур мекунад, ки ташкилотҳо стратегияи инноватсиониро пайгирӣ намоянд. Таблиғ ва иттилоърасонии дуруст на танҳо ҷалби мизоҷон, балки баланд бардоштани сатҳи огоҳии шаҳрвандонро таъмин мекунад.

Ҳамин тавр, ёдовар шудан ба маврид аст, ки заминаҳои мукаммалёбии хизматрасониҳои бонкии ташкилотҳои маблағгузории хурд имкониятҳои иқтисодии аҳолиро зиёд мекунад. Албатта, ин тағйирот ба боло рафтани некӯаҳволии ҷомеа ва рушди иқтисоди миллӣ заминаи мусоид мегузорад. Бо

дарназардошти ҳамаи ин омилҳо, таҳқиқоти гузаронидашудаи муаллифи рисола Буриев Ш.М. дар шароити муосир хеле мубрам ва дорои аҳамияти стратегии иқтисодӣ арзёбӣ мегардад.

**3. Дараҷаи навгонии натиҷаҳои дар рисола бадастомада ва нуктаҳои илмие, ки ба ҳимоя пешниҳод шудаанд.** Навгонии илмии таҳқиқот – аз баррасӣ, омӯзиш ва таҳқиқоти ҷанбаҳои назариявию амалии хизматрасониҳои ташкилотҳои мабалғгузории хурд дар низоми маблағгузориҳо, такмили хизматрасониҳои ташкилотҳои маблағгузориҳои хурд дар шароити муосири иқтисодӣ ва коркарди роҳу усулҳои тақвияти он иборат мебошад.

Таҳлил нишон дод, ки дастовардҳои зерини муаллиф аз унсурҳои навгонии илмӣ холӣ нестанд:

- пажӯҳиш ва баррасии асосҳои назариявӣ, консепсияҳо ва ҷанбаҳои методии моҳияти «ташкилотҳои маблағгузории хурд», «маблағгузории хурд», «хизматрасониҳои ташкилотҳои маблағгузории хурд», мушаххас карда шуда, шакл, намудҳо ва моҳияти иқтисодии маблағгузориҳои хурд дар асоси ақидаву фикри мактабҳои иқтисодӣ гуруҳбандӣ гардида, роҳу воситаҳои пешниҳоди маҳсулотҳои ташкилотҳои маблағгузории хурд пешниҳод гардидааст;
- ошкор гардидааст, ки маблағгузории хурд дорои хусусиятҳо ва принсипҳои вижа буда, бидуни риояи онҳо амалан татбиқи маблағгузориҳои хурд метавонад ба мушкилиҳо дучор гардад, бар замми ин, муҳимтарин принсипҳои маблағгузории хурд дар шароити муосири иқтисодӣ баррасӣ гардида, ҷанбаҳои вижаи он ҳамчун: ҳамгироии низоми маблағгузории хурд бо соҳибкорон, тартиб ва услуби пешниҳоди қарзҳои хурд, ба таври возеҳ таҳқиқ шуда, амалан иҷроиши он пешниҳод шудааст, инчунин, вобаста ба таҳқиқи таҷрибаи хориҷӣ муайян карда шуд, ки бидуни таҳкими асосҳои институтсионалӣ татбиқи самараноки фаъолияти ташкилотҳои маблағгузории хурд ғайриимкон мебошад, аз ҷумла: таҷрибаи Ҷумҳурии Белорус, Ҷумҳурии Гурҷистон, Ҷумҳурии Лаҳистон ва Федератсияи Русия собит намуд, ки тақвияти фаъолияти ташкилотҳои маблағгузории хурд аз таҳкими заминаҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ, рушди хизматрасониҳои фосилавии бонкӣ, таъмини рушди интернет-бонкинг, истифодаи чат-ботҳо, роҳандозии қарзҳо тариқи онлайн ва ба ин монанд амалҳо вобаста мебошад;
- вазъи муосири фаъолияти ташкилотҳои маблағгузории хурд таҳлил гардида, ошкор карда шуд, ки нишондиҳандаҳои молиявии ин ташкилотҳо тамоюли зиёдшавӣ дорад ва дар давоми солҳои 2016-2023 таносуби ҳаҷми қарзҳои хурди ташкилотҳои маблағгузории хурд нисбат ба қарзҳои умумии низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 17,3 то андозаи 20,9 фоиз зиёд

шудааст, илова ба ин, истифодаи усулҳои риёзву иқтисодӣ имкон дод, ки алоқамандии нишондиҳандаҳои молиявии ташкилотҳои маблағгузории хурд нисбат ба маҷмуи маҳсулоти дохилӣ муқоиса шуда, мушаххас гардад, ки нишондиҳандаҳои мазкур байни ҳам алоқамандии мустақим дошта, болоравии нишондиҳандаҳои молиявии ташкилотҳои маблағгузории хурд метавонад ба рушди маҷмуи маҳсулоти дохилӣ таъсири мусбӣ расонад. Инчунин, фаъолияти ҶСП ТАҚХ «Имон Интернешнл» баҳогузорӣ шуда, бо истифода аз усулҳои риёзиву иқтисодӣ дурнамои рушди фаъолияти ҶСП ТАҚХ «Имон Интернешнл» то соли 2030 коркард ва пешниҳод шудааст;

- такмили низоми хизматрасониҳои ташкилотҳои маблағгузории хурд пешниҳод гардида, рушди технологияи инноватсионӣ, рушди инфрасохтори рақамӣ ва тақвияти заминаҳои қонунгузорӣ ҳамчун омилҳои калидӣ тавсия шуда, мушаххас гардидааст, ки омилҳои мазкур ба тақвияти фаъолияти ташкилотҳои маблағгузории хурд заминаи муносиб фароҳам оварда, самаранокии онро метавонад таъмин намояд, илова ба ин, ошкор карда шуд, ки дар шароити муосири иқтисодӣ зимни пешниҳоди хизматрасониҳо дар низоми маблағгузории хурд мушкилоти иқтисодӣ-ташкилӣ ҷой дошта, мушкилоти зерин аз нуқтаи назари институтсионалӣ баҳогузорӣ шуда, имкониятҳои бартарафсозии мушкилоти ҷойдошта дар доираи фаъолияти ташкилотҳои маблағгузории хурд пешниҳод гардидааст.

Дараҷаи навгонии нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда бо он асоснок мегардад, ки дар диссертатсия ҷанбаҳои иқтисодии истилоҳҳои «хизматрасониҳои бонкӣ» ва «маблағгузории хурд» гурӯҳбандӣ гардида, фарқият, аҳаммият ва зарурати истифодаи ин истилоҳот баррасӣ гардида, хусусиятҳо ва принсипҳои пешниҳоди хизматрасониҳои бонкии ташкилотҳои маблағгузории хурд дар муқоиса бо бонкҳои тиҷоратӣ ошкор карда шуда, заминаҳои институтсионалии хизматрасониҳои бонкии ташкилотҳои маблағгузории хурд муайян гардидааст ва роҳҳои такмилдиҳии он бо истифода аз таҷрибаи кишварҳои хориҷӣ пешниҳод шудааст. Дар асоси таҳқиқот муайян гардид, ки маҷмуи маҳсулоти дохилӣ аз рушди нишондиҳандаҳои молиявии ташкилотҳои маблағгузории хурд то андозае вобастагӣ дорад ва ин вобастагӣ дар асоси усулҳои риёзиву иқтисодӣ муайян гардида, мавқеи ҶСП ТАҚХ «Имон Интернешнл» дар низоми маблағгузории хурд баррасӣ ва дурнамои фаъолияти он коркард шуда, мушаххас гардидааст, ки яке аз омили умдаи фаъолияти ташкилотҳои маблағгузории хурд рақамикунонии хизматрасониҳои бонкӣ ба ҳисоб рафта, тартиби татбиқи он пешниҳод шудааст, инчунин чараёни фаъолияти ташкилотҳои маблағгузории хурд баррасӣ шуда, муаммоҳои ҷойдошта дар ин самт муайян ва баландбардории сифати хизматрасониҳо бо истифодаи усулҳои муосир таҳия

гардидааст, оварда шудаанд.

**4. Аҳамияти илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии натиҷаҳои диссертатсия бо нишон додани тавсияҳо оид ба истифода онҳо.** Аҳаммияти илмӣ-назариявии кори диссертатсиониро консепсияҳо, назарияҳо ва таҳқиқоти олимони ватанию хориҷӣ, истифодаи қонунгузориҳо ва санадҳои меъёрию ҳуқуқии кишвар дар бахши хизматрасониҳои бонкӣ ташкил медиҳад. Дар баробари ин, он натиҷаҳое, ки муаллиф дар раванди таҳқиқоти худ дар самтҳои гуногуни бахши маблағгузории хурд ба даст овардааст, дар самти баррасии асосҳои назариявию методологии хизматрасониҳои бонкии ташкилотҳои маблағгузории хурд ва муқаррарсозии роҳҳои минбаъдаи мукаммалгардонии он шароити мусоид фароҳам оварда, натиҷаҳои бадастомадаро метавон дар оянда ҳамчун асосҳои назариявию амалӣ дар истеҳсолот ва илм истифода намуд.

Аҳаммияти амалии кори диссертатсионӣ дар истифодаи санадҳои меъёриву ҳуқуқӣ, маълумотҳои омории Бонки миллии Тоҷикистон, ҳисоботҳои молиявии Ассотсиатсияи ташкилотҳои маблағгузории хурди Тоҷикистон, барномаҳо ва стратегияҳои миёнамуҳлату дарозмуҳлати рушд, консепсияҳои рақамикунонии иқтисодиёт, роҳу усулҳои баҳодиҳии самаранокии нишондиҳандаҳои молиявии ташкилотҳои маблағгузории хурд ва дигар маълумотҳои расмӣ хизмат мекунад.

Натиҷаҳои алоҳидаи таҳқиқоти диссертатсионӣ дар таҳияи ҳуҷҷатҳои стратегӣ ва татбиқи барномаҳои молиявӣ, метавонанд мавриди истифодаи васеъ қарор дода шаванд.

**5. Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот.** Муаллифи рисолаи илмӣ дар самти таҳия ва татбиқи чораҳо ҷиҳати баррасӣ ва таҳқиқи дурусти диссертатсия як қатор меъёрҳои илман асоснокро риоя намудааст, ба мисли: баҳодиҳии сатҳи мубрам будани мавзуи таҳқиқот, мақсадгузорӣ ва вазифагузорӣ дар ҷараёни дурусти таҳқиқот, таҳия ва баррасии мавзуи илмӣ, инчунин, интишорҳо ва дигар пешниҳодҳо аз тарафи муаллиф истифода гардидааст, ки ин масъала мавқеи муаллифро дар баррасӣ ва арзёбии мавзуи таҳқиқот дар сатҳи зарурӣ инъикос менамояд. Ҳамзамон, муаллиф дар самти баррасии хизматрасониҳои бонкии ташкилотҳои маблағгузории хурд ва аҳамияти иқтисодии он як қатор коркардҳои мушаххаси мубрамро истифода намуда, ба натиҷаҳои назаррас ноил гардидааст.

**6. Нашри натиҷаҳои диссертатсия дар маҷаллаҳои тақризшавандаи илмӣ.** Мақолаҳои интишоршудаи муаллиф, иқтибосҳои илмӣ ва хулосаю пешниҳодҳои дар диссертатсия ҷойдоштаро дар худ инъикос намудаанд. Экспертизаи диссертатсия нишон дод, ки муаллиф вобаста ба мавзуи

таҳқиқоти диссертатсионӣ 16 мақола ба нашр расонидааст, ки аз инҳо 5 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон чоп шудаанд. Натиҷаҳои асосӣ ва нуктаҳои муҳими таҳқиқоти диссертатсионӣ дар конференсияҳои илмию назариявии байналмилалӣ, ҷумҳуриявӣ ироа гардидаанд.

**7. Мутобиқати баррасмиятдарории диссертатсия ба талаботи КОА.** Диссертатсияи пешниҳод намудаи довталаб Буриев Ш.М. ба бандҳои меъёрҳои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD)-доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050900 – Молия (6D050901-Молия, муомилоти пулӣ ва қарз), омодасозии дисссртатсия ва экспертизаи диссертатсия дар шурои диссертатсионӣ ва ба дигар талаботҳои “Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ” ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯй мебошад.

**8. Натиҷаҳои кор ва ҷанбаҳои мусбии он.** Кори тақризшаванда аз муққадима, 3 боб, нӯҳ зербоб, 41 ҷадвал, 12 диаграмма, 20 расм, 4 замима ва хулосаву пешниҳодҳои муаллифӣ иборат буда, бо истифода аз 159 сарчашма таҳия карда шуда, дар 186 саҳифаи компютерӣ омода гардидааст.

Дар муқаддима мубрамият, дараҷаи омӯзиши мавзуи таҳқиқоти диссертатсионӣ асоснок гардида, ҳадаф, вазифаҳо, объект ва мавзуи (предмети) таҳқиқот муайян карда шуда, муҳимтарин натиҷаҳои илмӣ ва навгонии онҳо инъикос ёфтаанд (саҳ.4-13).

**Боби якуми диссертатсияи бо номгузории** «Асосҳои назариявии хизматрасониҳои бонкӣ дар ташкилотҳои маблағгузории хурд», ки дар таҳқиқи ҷанбаҳои назариявии хизматрасониҳои бонкӣ ва аҳаммияти маблағгузории хурд дар иқтисодиёт, хусусиятҳо ва принсипҳои пешниҳоди хизматрасониҳои бонкии ташкилотҳои маблағгузории хурд дар шароити муосир, асосҳои институтсионалии хизматрасониҳои бонкии ташкилотҳои маблағгузории хурд: таҷрибаи ватанӣ ва хориҷӣ аз ҷониби муаллиф инъикос ёфтааст. (саҳ.14-56).

Ба ақидаи муаллиф розӣ шудан мумкин аст, ки ӯ қайд мекунад: моҳияти хизматрасонии бонкӣ дорои таркиби мураккаб ва қисматҳои фарох мебошад. Алалхусус, дар шароити муосири иқтисодӣ, ки ҷараёни иқтисодиёти рақамӣ ташаккул ёфта, дар таҷрибаи бонкдорӣ вобаста ба зиёд шудани талаботи муштариён ва зиёд шудани субъектони иқтисодӣ шумораи хизматрасониҳои бонкӣ низ рӯз то рӯз афзун гардидааст, талаботи муштариён ба ташкилотҳои қарзӣ дар сатҳи аввал қарор гирифтааст. Ҳолати марбута, дар бозор ба пайдоиш ва тақвияти хизматрасониҳои нави бонкӣ, аз ҷумла: хизматрасониҳои фосилавии бонкӣ (интернет бонкинг, PC бонкинг ва ғайраҳо) мусоидат намудааст. Бо ҳисоби хусусиятҳои мазкур, як қатор

муҳаққиқони ватанию хориҷӣ хизматрасонии бонкиро ҳамчун ҷамъи созишҳои бонкие, ки тариқи роҳҳои муосири таҳвил ба муштариён расонида мешаванд, шарҳ медиҳанд. Аммо ҷиҳати такмили ақидаи болозикр метавон қайд намуд, ки хизматрасонии бонкӣ на танҳо роҳҳои муосири таҳвили созишҳои бонкӣ, балки ҳамчунин, яке аз қисмҳои фаъолияти ташкилоти қарзӣ буда, ҳадафи он аз пуррасозии амалиётҳои таҳияшавандаи бонкӣ иборат мебошад.

Аз ин бармеояд, ки дар чунин шароит, ташкилотҳои маблағгузории хурдро низ зарур аст, то дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон ба аҳолии эҳтиёҷманд, оилаҳо ва инчунин ба соҳибкорони хурду миёнае, ки ба хизматрасониҳои молиявии бонкҳо дастрасӣ надоранд, хизматрасониҳои бонкии худро пешниҳод намоянд. (саҳ. 19-22).

Дар асоси омӯзиши маводҳои назариявӣ, муаллиф ба хулосае омадааст, ки дар шароити муосир бо рақамигардии иқтисодиёт ва тақвияти бахши илму техника талаботи муштариён ба хизматрасониҳои муосири бонкӣ низ афзун гардидааст. Чунин ҳолат ташкилотҳои маблағгузории хурдро водор месозад, то ба омӯзиши талаботи дақиқи муштариён он хизматрасониҳои бонкиеро коркард ва таҳия намоянд, ки тавассути онҳо на танҳо муштариёни доимии худро нигоҳ даранд, балки барои ҷалби муштариёни нав низ заминаи муҳим гузоранд. Омили мазкур гувоҳи он аст, ки доираи хизматрасониҳои бонкии ташкилотҳои маблағгузории хурд чи дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва чӣ дар кишварҳои хориҷӣ майл ба зиёдшавӣ дорад.

Гузашта аз ин, аз сабаби ҷой доштани рақобати шадид дар бозори хизматрасониҳои бонкӣ, баррасӣ ва мушаххассозии хусусиятҳо ва принсипҳои муқоисавии хизматрасониҳои бонкии ТМХ нисбат ба бонкҳо зарур ҳисобида шуд. Дар рафти таҳқиқот мушаххас гардид, ки агар ба сифати хусусиятҳои фарқкунандаи хизматрасониҳои бонкии ташкилотҳои маблағгузории хурд нисбат ба бонкҳо: ҳаҷми маблағҳои қарзии пешниҳодшаванда, сохтори муштариён, дараҷаи танзим ва назорат, арзиши хизматрасониҳои бонкии пешниҳодшаванда ва ғайраҳо баромад намоянд, пас дастраснамоии захираҳои молиявӣ ба аҳолии эҳтиёҷманд ва субъектони соҳибкории хурду миёна яке аз принсипҳои муҳими фаъолияти ташкилотҳои маблағгузории хурд дар бозори хизматрасониҳои бонкӣ ба шумор меравад. (саҳ. 38-40).

Дар доираи боби якум муаллиф таҷрибаи хориҷиро оид ба асосҳои институтсионалии хизматрасониҳои бонкии ташкилотҳои маблағгузории хурд мавриди таҳлил қарор додааст, ки дар он таҷрибаи давлатҳоро омӯхта пешниҳод намудааст, ки таҷрибаи Ҷумҳурии Белорус, Ҷумҳурии Гурҷистон ва Ҷумҳурии Лаҳистон дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон истифода бурдан

мумкин аст. (саҳ. 40-56).

Дар боби дуюм – **«Таҳлил ва баҳодиҳии ҳолати муосири хизматрасониҳои бонкии ташкилотҳои маблағгузории хурд дар низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон»** ҳолати муосири хизматрасониҳои бонкии ташкилотҳои маблағгузории хурд дар кишвар, баҳодиҳии фаъолияти ҶСП ТАҚХ «Имон Интернешнл» дар низоми маблағгузории хурд, нақши рақамикунонии иқтисодиёт дар ташаккулёбии хизматрасониҳои бонкии ташкилотҳои маблағгузории хурд мавриди таҳлили амиқ қарор гирифтанд (саҳ. 57-99).

Муаллиф дар доираи таҳқиқоти худ қайд мекунад, ки мавқеи муҳимро дар бозори хизматрасониҳои бонкӣ бозори хизматрасониҳои ТМХ ишғол намуда, таҳлили он нишон медиҳад, ки ҳамасола дар бозори мазкур тағйироти назаррасе дар сохтори ТМХ дида мешавад ва чунин ҳолат то ҳол таъсири худро ба рафтори муштариён расонида истодааст. Инчунин, дар раванди таҳлил, муаллиф иброз медорад, ки шумораи ТМХ сол то сол кам шуда, дар натиҷа, он дар соли 2023 ба 47 адад (аз он ҷумла: 19 адад ТАҚХ, 3 адад ТҚХ ва 25 адад ФҚХ) баробар шудааст, ки он нисбат ба соли 2016, 39 адад (аз он ҷумла: 19 адад ТАҚХ, 11 адад ТҚХ ва 9 адад ФҚХ) камтар мебошад. Сабаби асосии камшавии шумораи ташкилотҳои маблағгузории хурд ин аз шумора ба сифат гузаштани низоми бонкии кишвар аст. Дар доираи он ТМХ-е, ки ба таъсири давраи дуюми бӯҳрони молиявии ҷаҳонӣ ва пандемияи Covid-19 тоб оварда натавонистанд, иҷозатномаашон аз ҷониби БМТ бозхонд шуда, онҳо муфлис эълон гардиданд. (саҳ. 57-59).

Диссертант дуруст қайд мекунад, ки яке аз масоили мубрам дар раванди ташаккулёбии маблағгузориҳои хурд фаъолияти пурсамари ТМХ дар алоҳидагӣ арзёбӣ мегардад. Ташкилотҳои маблағгузории хурд ҳамчун ҷузъи комилҳуқуқи низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар чаҳорчӯбаи қонунгузории амалкунанда фаъолияти худро роҳандозӣ намуда истодаанд. Бояд қайд кард, ки нақши ТМХ дар сармоягузории соҳаҳои афзалиятноки иқтисоди миллӣ назаррас буда, пешрафти хоҷагии халқро таъмин менамояд. Масалан, дар соли 2023 ҳиссаи қарзҳои ТМХ, ки ба иқтисодиёт равона гардидаанд, 4,93 млрд. сомониро ташкил дода, нисбат ба соли 2020, 88,73% зиёд мебошад.

Дар ин асос, таҳлил ва баҳодиҳии фаъолияти яке аз ТМХ-и низомсози эҳтимолӣ (яъне, ҶСП ТАҚХ «Имон Интернешнл»), ки дорои мавқеи устувор дар бозори хизматрасониҳои бонкии ватанӣ буда, дар самти коркард ва таҳияи хизматрасониҳои муосири бонкӣ корҳои зиёдеро ба сомон расонида истодааст, ба мақсад мувофиқ мебошад. (саҳ. 74-87).

Пас аз омӯзиши ҳамаи паҳлӯҳои таҳқиқот муаллиф қайд мекунад, ки рӯз

то рӯз, дар бозори хизматрасониҳои бонкии ватанӣ ширкатҳои алоқаи мобилӣ ба яке аз рақибони асосии ташкилотҳои маблағгузории хурд табдил ёфта, дар чунин ҳолат ташкилотҳои маблағгузории хурдро зарур аст, ки ҳар чӣ зудтар ба рақамикунонӣ гузаранд, зеро дар ҳолати сари вақт нагузаштан ба табаддулоти рақамӣ, ширкатҳои алоқаи мобилӣ метавонанд дар бозори хизматрасониҳои бонкӣ мавқеи ташкилотҳои қарзиро касб намоянд.

Натиҷаи таҳқиқоти гузаронидашуда нишон медиҳад, ки имрӯзҳо рақамикунонӣ ҳамчун унсури муҳимми фаъолияти ташкилотҳои маблағгузории хурд буда, давра ба давра ба афзоиши ҳиссаи хизматрасониҳои рақамии бонкии ташкилотҳои марбута мусоидат намуда истодааст. (саҳ. 88-99).

**Дар боби сеюм - «Самтҳои афзалиятноки тақвияти хизматрасониҳои бонкии ташкилотҳои маблағгузории хурд»** такмилдиҳии ҷараёни рақамикунонии ташкилотҳои маблағгузории хурд, муаммоҳои рушди хизматрасониҳои бонкии ташкилотҳои маблағгузории хурд ва роҳҳои ҳалли он, беҳдошти сифати хизматрасониҳои бонкии ташкилотҳои маблағгузории хурд пешниҳод шудааст. (саҳ.100-152).

Муаллиф дар асоси таҳқиқотҳои гузаронидашуда қайд намудааст, ки барои такмилдиҳии ҷараёни рақамикунонии фаъолияти ТМХ нақши муҳимро инфрасохтори рақамӣ бозида, он аз маҷмуи техникаю технологияҳое иборат мебошад, ки тавассути онҳо на танҳо амалиёту хизматрасониҳои рақамии ТМХ коркард ва пешниҳод мегарданд, балки ба воситаи онҳо, ҷараёни коркард, нигоҳдорӣ ва интиқоли маълумотҳо хеле осон мегардад. Чунин ҳолат шаҳодати он аст, ки бе ҷой доштани инфрасохтори зарурии рақамӣ эҳтимоли рақамигардии фаъолияти ТМХ хеле паст мешавад. Вобаста ба ин, рақамикунонӣ дар рушди фаъолияти ТМХ нақши муҳимро иҷро намуда, ба сифати яке аз омилҳои мусоидаткунанда ба ҳолати мазкур ташкили инфрасохтори муосири рақамӣ баромад менамояд. (саҳ.100-115).

Дар диссертатсия муаллиф чунин меҳисобад, ки ҳоло ҳам дар робита ба ҷой доштани рақобати шадид аз ҷониби бонкҳо ва инчунин, вобаста ба паст будани дараҷаи эътимодии аҳолӣ ба низоми бонкии кишвар онҳоро зарур аст, то роҳи тулониро дар самти робита бо муштариён тай намоянд. Яке аз чораҳои асосие, ки дар ин ҷода ба ТМХ-и Тоҷикистон ёрӣ мерасонад, ин дар фаъолияти ТМХ-и ватанӣ ҷорӣ сохтани НИСХБ мебошад. НИСХБ бо роҳи таъмин намудани пуррагӣ, эътимоднокӣ, дастрасӣ ва бехатарии хизматрасониҳои бонкӣ ба муштариён боварии онҳоро ба ТМХ ва хизматрасониҳои бонкии онҳо зиёд намуда, ниҳоятан дар бозори бонкӣ талаботҳои муштариёнро ба хизматрасониҳои бонкии ТМХ меафзояд. (саҳ.115-151).

Дар хулоса ва пешниҳодҳои кори диссертатсионӣ натиҷаҳои асосии таҳқиқоти илмӣ ҷамъбаст гардида, тавсияҳои мушаххас оид ба мукаммалгардонии хизматрасониҳои бонкии ташкилотҳои маблағгузории хурд дар шароити муосир пешниҳод шудааст. (саҳ. 153-159).

**9. Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.**

Баррасии кори диссертатсионии тақризшаванда собит сохт, ки диссертатсияи Буриев Ш.М. дар мавзуи «Мукаммалгардонии хизматрасониҳои бонкии ташкилотҳои маблағгузории хурд дар шароити муосир» ба меъёрҳои муқаррарнамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон пурра ҷавобгӯ мебошад.

**10. Эродҳо ва ҳолатҳои баҳсталаб доир ба диссертатсия.**

1. Мақсад, вазифаҳо, объект ва мавзуи таҳқиқот бо баррасии монеаҳои институтсионалӣ, ки ба такмили фаъолияти низоми хизматрасониҳои бонкии ташкилотҳои маблағгузории хурд дар шароити муосир монеъ мешаванд, пурра карда шавад;
2. Барои такмили ҷанбаҳои институтсионалии хизматрасониҳои бонкии ташкилотҳои маблағгузории хурд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, муаллиф бештар ба таҷрибаи Ҷумҳурии Белорус, Ҷумҳурии Гурҷистон ва Ҷумҳурии Лаҳистон такия менамояд. Беҳтар мегардид, агар муаллиф миқдори интихоби алтернативии таҷрибаи давлатҳои хориҷаро зиёд менамуд;
3. Гарчанде ки муаллиф дар боби дуюми рисола ҳолати муосири хизматрасониҳои бонкии ташкилотҳои маблағгузории хурд дар низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар сатҳи зарурӣ таҳлил намудааст, сатҳи сифати рисола боз ҳам беҳтар мегардид, агар дар ҷараёни таҳлил муаммоҳои сарбастаро низ пайдо намуда, онҳоро бо назардошти таҷрибаи давлатҳои хориҷӣ дар боби 3-юм ҳал менамуд;
4. Дар охири ҳар як боби рисола хулосаи ҷамъбастӣ, ки мушкилот, натиҷаҳои таҳлил ва тавсияҳоро ба таври возеҳ ҷамъбаст кунад, камтар ба назар мерасад. Бинобар ин, комил намудани ин қисмат сифати корро беҳтар менамояд.
5. Истифодаи адабиёти илмии солҳои охир (2020–2024) нокифоя мебошад. Лозим аст, ки манбаъҳои муосири ватанӣ бештар ба таҳқиқот ворид карда шаванд.

Бояд қайд намоем, ки камбудиҳои номбаргардида ба мазмуну муҳтавои диссертатсия таъсири ҷиддӣ намерасонанд ва арзиши баланди илмии онро коста намекунад.

**11. Хулосаи умумӣ**

Кори диссертатсионӣ аз рӯйи сохтор, таркиби бобҳо, мазмун ва мантиқ ба талабот ҷавобгӯй буда, натиҷаҳои бадастомада дар тавсеаи асосҳои назариявӣ ва методологии такмили идоракунии давлатии бахши бонкӣ саҳми калон доранд.

Дар маҷмуъ, диссертатсияи Буриев Шоҳин Муддинович дар мавзуи «Мукаммалгардонии хизматрасониҳои бонкии ташкилотҳои маблағгузории хурд дар шароити муосир» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD)-доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050900 – Молия (6D050901-Молия, муомилоти пулӣ ва қарз) пешниҳод гардидааст, дар сатҳи баланди илмӣ – методӣ иҷро гардида, ба талаботҳои Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ», ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ шудааст, мувофиқ буда, муаллифи он сазовори додани дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD)-доктор аз рӯйи ихтисоси номбаршуда мебошад.

**Муқарризи расмӣ:**
номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент,
мудири кафедраи молияи Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон — Икромӣ Н.Қ.

Дурустии имзои Икромӣ Н.Қ.-ро тасдиқ мекунам:
Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон — Ҷураев Ш.Н.

**Суроға:** 734055, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, х. Борбад, 48/5
Тел: +992 933767676
E-mail: ikromov65@bk.ru